**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 89/1с
аз «28» 08 соли 2020

Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мавзӯъ: оид ба гузаронидани расмиёти машваратҳои оммавии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба таҳлили таъсири танзимкунӣ огоҳинома дар бораи омода намудани лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 июли соли 2020 аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Муҳлати машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи мазкур 5 сентябри соли 2020 ба итмом мерасад.

Аз ин рӯ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки бо дарназардошти натиҷаҳои машваратҳои оммавӣ, лоиҳаи ниҳоии санади меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкуниро ба суроғаи Маркази миллии қонунгузорӣ ҷиҳати омода намудани хулоса пешниҳод намоед.

Бо эҳтиром,
муовини якуми директор Соҳибзода М.М.